**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ш. Душанбе 174 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Мубрамияти мавзуи диссертатсия пеш аз ҳама бо баамалбарории василаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ барои ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавии маданӣ хислати хусусӣ дошта муайян гардида, яке аз воситаҳои самараноки ҳимоя на фақат дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои субъектони соҳибкорӣ, балки нисбати сарфаи вақт ва камхарҷии расмиёти танзими баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Пешрафти фаъолияти тиҷоратӣ, ташаккули қонунгузории мадании Тоҷикистон, ҳамзамон рӯ ба инкишоф ниҳодани қонунгузорӣ оид ба кафолатҳои мадании баррасии ҳакамии баҳсҳои иштирокчиёни мурофиавии судии маданӣ бозгӯи он мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти мазкур ба талаботи муқаррароти байналмилалӣ-ҳуқуқӣ марҳилаи мутобиқатро паси сар намуда истодааст. Ҳолати болозикр гувоҳи медиҳад, ки вобаста ба талаботи иштирокчиёни баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ фаъолияти судҳои ҳакамӣ

хусусияти доимиро ба худ касб намуда, баррасиҳои судиро дар низоми судии ҳаками зиёд карда истодааст. Раванди мазкур аз динамикаи рушди низоми мурофиавии ҳакамӣ дар Тоҷикистон дарак медиҳад. Албатта дар ин ҷода нақш ва мавқеи қонунгузории мурофиавии маданӣ ва санадҳои байналмилалии самти мазкур муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи илмии мушкилоти маданӣ-ҳуқуқии танзими асосҳои маданӣ-ҳуқукии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо намуда, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ, такмили қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Нави навоварии таҳқиқоти рисола дар он зоҳир мегардад, ки баррасии падидаи «фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳудуди Тоҷикистон мебошад, ки дар он масъалаҳои муайян кардани хусусиятҳои воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва баррасӣ карда мешаванд. Дар натиҷаи таҳқиқот аз ҷониби диссертант асоснок карда шудааст. ки «воситаи маданӣ-ҳуқуқӣ» ҳамчун олати дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҷассум ёфта ва бо ёрии ташкили маҷмуи амалҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва воқеӣ дошта ошкору муназзам карда шуданд ва (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд. Илова бар ин, навгонӣ дар дарки хусусияти алтернативӣ доштани суди ҳакамӣ, ки дар таъсис ва баррасии суди ҳакамии баҳсҳо тибқи тобеияти идоравӣ худ таҷрибаи хусусии татбиқи қонун мушоҳида мешавад, таҳлил ва асоснок карда шудаанд, зоҳир мегардад (саҳ. 12-13).

**Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода месозанд.**

1. Асоснок карда шудааст, ки ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ дар низоми татбиқгардии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавии ҳуқуқӣ таҷассум ёфтааст. Баробари ин, дар асоси воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ маҷмуаи масъалаҳои зерин, ки бо таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ алоқаманд аст, ҳалли хешро ёфтааст: ҳадафҳои хусусияти ташкилӣ дошта, аз қабили созмон додани судҳои ҳакамӣ, ҳадафҳои дигари таъминотӣ, ҳадафҳо ҷиҳати пеш бурдани фаъолият оид ба ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ (вобаста ба муносибатҳое, ки ҳуқуқи маданӣ танзим менамояд, реҷаи ҳуқуқии мухторияти ирода, ҷудо намудани амвол ва масъулияти алоҳида ва мустақили молу мулкии субъектони муносибат пешбинӣ мегардад).

2. Муайян гардидааст, ки воситаҳои ҳуқуқӣ ва маҷмуи меъёрҳои маданӣ - ҳуқуқии ин воситаҳоро дар бар гирифта, нисбати ҳамдигар таъсири мутақобила мерасонанд. Бо истифода аз меъёри ҳуқуқӣ ченаки воситаи маданӣ ҳуқуқии дахлдор муайян карда мешавад, аз қабили намуди воситаи ҳуқуқӣ ва ҳадафи татбиқнамоии вай; ҳайати ашхоси ин воситахои ҳуқуқиро истифодабаранда; тарзу усули истифодабарии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ. Аз тарафи дигар бошад, воситаҳои ҳуқуқӣ ҳамчун хусусияти таъсиррасонӣ ба меъёри ҳуқуқӣ баромад мекунад. Бинобар зарурати ҳатмии истифодашавии воситаи ҳуқуқӣ, он ба мақсади бахшидани мувозинат ба муомилоти маданӣ истифода мешавад, аз ҷумла ҳангоми ҷавобгарии маданӣ - ҳуқуқӣ, меъёрҳои маданӣ - ҳуқуқии дахлдор низ хосияти ҳатмигиро пайдо мекунад. Дар ин маврид агар қонунгузор ва таҷрибаи татбиқнамоии меъёр хусусияти диспозитивиро вобаста ба татбиқи воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ иҷора диҳад, меъёрҳои дахлдор хосияти диспозитивиро пайдо мекунад.

3. Созишномаҳои ҳакамӣ ҳамчун шартномаи хусусияти ташкилӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ баҳо дода шуда, мувофиқи он шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ҷиҳати расидан ба самараи махсуси маданӣ – ҳуқуқӣ (ба эътидор овардани низоъи ҳуқуқии эҳтимолӣ ва ё алҳол ба вуҷудомадаи маданӣ ҳуқуқӣ) уҳдадор мешаванд, дар доираи расмиёти муайяни ҳуқуқии аз ҷониби тарафҳо якҷоя

тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5.01.2008, №344 муайяншуда амал намояд.

Асоснок карда мешавад, ки ба расмият даровардани созишномаи ҳакамӣ бо воситаи ба имзорасонии он, танҳо бо амали воситаи маданӣ- ҳуқуқӣ вобаста буда, иҷрои минбаъдаи он бо амалигардонии ду намуди воситаҳои ҳуқуқии бо ҳам алоқаманд – воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ - ҳуқуқӣ тақозо карда мешавад.

4. Муайян гардидааст, ки дар ҷараёни беэътибор ҳисобидани аҳд бо дарназардошти баинобатгирии талаботҳои қонунгузории маданӣ-ҳуқуқӣ оқибатҳои хисали мурофиавии судидошта ба амал омаданашон аз эҳтимол дур нест. Ҳолати мазкурро дар шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ алалхусус шартномаи пешакӣ, созиши хусусияти ҳакамидошта ва монанди инҳо мушоҳида намудан имконпазир мебошад. Ҳолатҳои болозикр метавонад барои амалишавии мақсадҳои шартномаҳои болозикр таъсири тағйирдиҳандаи худро расонида, дар як маврид барои иҷро нагардидани мутобиқсозии қолабии талаботи муқарророти қонқнгқзорӣ оварда расонад. Ҳолати болозикр бозгӯи он мебошад, ки шартномаи зикршда хислати иҷронашавандагиро дар худ касб менамоянд. Масоили мазкур дар доираи таҳқиқот ба сабки илмӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Хулоса карда мешавад, ки суди ҳакамӣ дар доираи салоҳияти худ баҳсҳои аз муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии бароядаро ба ҷузъ аз масъалаҳои зерин баррасӣ ва ҳал карда метавонад. 1) аз рӯи шикоятҳо нисбати қарор ва дигар амалҳо (беамалӣ, рад кардан аз содир намудани амали иҷрочии судӣ); 2) оид ба муайян намудани фактҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта (фактҳои ҳуқуқӣ); 3) оид ба барқарор намудани ҳуқуқ нисбати қоғазҳои қимматноки гумшуда ва ғ.

Вобаста ба нуқтаҳои пешниҳодгардида, бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории маданӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Тамоми дастовардҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ низ барои хонандагон манзур намудааст.

Натиҷаҳои таҳқикоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Асосҳои методологии тахқиқоти рисоларо усулҳои диалектикии дарк, усулҳои умумиилмӣ ба монанди тахлил, синтез, ҷамъбаст, инчунин усули таҳлили қисматҳо, усули мушоҳида ва тафсири бевосита ташкил медиҳанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Сохтори диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳрести интишороти илмии довталаби дараҷаи илми иборат буда ҳаҷми умумии диссертатсия 174 саҳифаро дар бар мегирад. Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосхои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «мафҳум ва хусусиятҳои воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон» масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: мафҳуми “воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ” ва аҳаммияти он дар баамалбарории ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ-ҳуқуқӣ (саҳ. 19-48).

Боби дуюми диссертатсия «масоили маданӣ-ҳуқуқии барасмиятдарории ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ» номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои маданӣ-ҳуқуқии таносуби шахсони ҳуқуқӣ ва суди ҳакамӣ, инчунин шаклҳои маданӣ-ҳуқуқии намудҳои ташкили суди ҳакамӣ мавриди таҳлил, омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд (саҳ. 49-103).

Дар боби сеюм диссертатсия «механизми маданӣ-ҳуқуқии баамалбарории ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ» бошад диссертант масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ мутобиқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои суди ҳакамӣ ва хусусиятҳои маданӣ-ҳуқуқии он мавриди омӯзиш ва таҳқиқ карор додааст (саҳ. 104 -148).

Дар натичаи таҳқиқот муаллиф хулосаи рисоларо таҳия кардааст, ки аз нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот иборат мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия**. Диссертатсияи Ф.М. Шукурзода дорои аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ мебошад. Зеро дар он мушкилоти назариявӣ ва доктриналии танзими асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал тахдил гардида, мафҳуми «судҳои ҳакамӣ» ва аҳамияти он дар ҳуқуқи маданӣ. ҷойгоҳ ва нақши он дар муносибатҳои маданӣ бозбинӣ карда мешавад. Дар доираи таҳқиқот муносибати мавҷуда ба судҳои ҳакамӣ ҳамчун унсури ба амалбарории адолати судӣ ва татбиккунандаи адолати судӣ дақиқ гардонида шуда, асосҳои назариявии татбиқи он дар муносибатҳои хуқукӣ-маданӣ рушд дода мешаванд.

Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳаммияти амалӣ низ буда, метавонанд дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз фанни хуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода бурд. Инчунин маводҳои

диссертатсионӣ метавонанд зимни таҳқиқоти дигари илмӣ, ки ба мавзуи фаъолияти судҳои ҳакамӣ алоқаманд мебошад, мавриди корбарӣ қарор гиранд.

Аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки нуқтаҳои назариявӣ ва хулосаҳои он метавонанд:

- барои такмил додани қонунгузории ҶТ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ - ҳуқуқӣ доир интихоби шаклҳои ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи маданӣ;
- ҳангоми коркарди асноди зерқонунии меъёрии ҳуқуқии соҳаи ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ;
- дар раванди таълим зимни таҳияи лексия дар макотиби олӣ ва дар низоми такмили ихтисос;
- ҳангоми таҳқиқоти илмии соҳаи мазкур истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», муаллиф корҳои муҳими илмӣ анҷом дода. натиҷаҳои онро дар шакли мақолаҳои илмӣ мунташир намудааст. Муаллиф дар маҷмӯъ 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тасдиқшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Аз чумла:

I. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд**:

**[1-М].** Шукуров, Ф.М. Оид ба хусусиятҳои ташкилшавии суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 4(44). – С. 56-61; ISSN 24-2903

**[2-М].** Шукуров, Ф.М. Баъзе масалаҳои мафҳум ва табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – №3(88). – С. 132-139; ISSN2411-1945

**[3-М].** Шукуров, Ф.М. Назаре ба масъалаи салоҳияти суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2022. – № 4(44). – С.132-139; ISSN2411-1945

**[4-М].** Шукуров, Ф.М. Баъзе масъалаҳои граждании-ҳуқуқии созишномаҳои ҳакамӣ: назария ва амалия ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 1(29). – С. 180-189; ISSN 24149217

**[5-М].** Шукуров, Ф.М., Назаре ба масъалаи беэътибории созишномаи ҳакамӣ ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров, М.Н. Раҷабзода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – 2(99). – С. 32-38; ISSN 3005-8023.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

**[6-М].** Шукуров, Ф.М. Таснифи шартнома дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ», ки ба 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон– Хуҷанд: Дабир, 2021. – С. 156-161.

**[7-М].** Шукуров, Ф.М. Оид ба салоҳияти суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи илмӣ – амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳақиқони ҷавони ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва Рӯзи илми тоҷик (21-25 апрели соли 2022). Бахши ҳуқуқшиносӣ II. – С. 75 - 80.

**[8-М].** Шукуров, Ф.М. К вопросу компетенции третейского суда [Матн] / Ф.М. Шукуров // Международная конфереции посвязенная памяти «Аубакировские чтения» – *Алмато*, 2025. – С. 195-197.

**[9-М].** Шукуров, Ф.М. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули судҳои ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи устувори ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд”. – Хуҷанд: Дабир, 2024. – С. 307-316.

**[10-М].** Шукуров, Ф.М. Назаре ба масъалаи воситаҳои ҳуқуқи мадании ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҷавонон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол // Хуҷанд: 2024. – С. 191-196.

**[11-М].** Шукуров, Ф.М. Танзими ҳуқуқии салоҳияти судҳои ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Аҳамияти маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир” // Хуҷанд. 2025. – С. 229-233.

**[12-М].** Шукуров, Ф.М. Баъзе масъалаҳои салоҳияти судҳои ҳакамӣ дар замони муосир [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони “Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон” аз 23 апрели соли 2025. – Хуҷанд: Дабир, 2025 – С. 156-160.

**[13-М].** Шукуров, Ф.М. Баъзе масъалаҳои фаъолияти суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров / Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ДДҲБСТ таҳти унвони “Иттилоотонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ” бахшида ба солҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсионӣ, 1 ноябри соли 2025. – Хуҷанд: 2025. – С.232-237.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ**. Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Сарфи назар аз арзёбии мусбати баёншуда дар такриз, дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсонҳо, нуктаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба мавридҳои зерин ишора кард:

1, Дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардидаи чорум омадааст, ки: «Дар ҷараёни беэътибор ҳисобидани аҳд бо дарназардошти баинобатгирии талаботҳои қонунгузории маданӣ-ҳуқуқӣ оқибатҳои хисали мурофиавии судидошта ба амал омаданашон аз эҳтимол дур нест. Ҳолати мазкурро дар шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ алалхусус шартномаи пешакӣ, созиши хусусияти ҳакамидошта ва монанди инҳо мушоҳида намудан имконпазир мебошад. Ҳолатҳои болозикр метавонад барои амалишавии мақсадҳои шартномаҳои болозикр таъсири тағйирдиҳандаи худро расонида, дар як маврид барои иҷро нагардидани мутобиқсозии қолабии талаботи муқаррароти қонунгузорӣ оварда расонад.». (саҳ. 15 дисс.). Аммо номаълум боқи мондааст, ки ҳолати ишорашуда бозгӯи он мебошад, ки шартномаи ҳакамӣ хислати иҷронашавандагиро дар худ касб менамоянд. Масоили мазкур дар доираи таҳқиқот то кадом дараҷа таҳлили хешро ёфтааст?

2. Муаллиф кайд менамояд, ки: «Зикр кардан ба маврид аст, ки дар партави созиши тарафайн баҳсҳо дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва самти иқтисодӣ метавонад мавриди ҳаллу фасл қарор дода шавад. Дар ҳамин ҷо мушкилоти амалӣ ҷиҳати гузаронидани фарқият оид ба баҳсҳои ҳуқуқие, ки судҳои ҳакамӣ ба муҳокимаи худ қабул карда метавонад ва баҳсҳое, ки ба тобеияти судии судҳои давлатӣ мансуб аст, пайдо мешавад. Қонуни номбурда дар қисми дуюми моддаи 1 гарчанде муқаррарот дар бораи «агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» оварда бошад ҳам, бояд гуфт, ки масъалаи мазкур аниқ нашудааст», пас мувофиқи мақсад мешуд агар диссертант дар вақти ҳимояи расмӣ ба масъалаи «гузаронидани фарқият оид ба баҳсҳои ҳуқуқие, ки судҳои ҳакамӣ ба муҳокимаи худ қабул карда метавонад ва баҳсҳое, ки ба тобеияти судии судҳои давлатӣ мансуб аст» муфассал истода онро шарҳ медод (саҳ. 29 дисс.).

Камбудиҳои зикршуда хусусияти умумӣ дошта, ба нуктаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои мадании-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои хукукшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 ҳукуки маданӣ; ҳуқуки соҳибкорӣ; хукуки оилавӣ хукуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, ба талаботи бандхои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқшуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, мутобиқат дорад. Муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси зикршуда сазовор аст.

**Муқаррizи расмӣ:**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Д.А. Сидиқов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум, Бинои 71/1, хонаи 27. Тел.: (+992) 918-97-19-91. E-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru

«Имзои Д.А. Сидиқов – ро тасдиқ мекунам»:
Сардори Раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон М.Н. Исмаилова

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

30.05.2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30, Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru